ТКБ 74. (07)
DOI:10.51844-2077-4990-2022-2-212-216

**МАХСУСИЯТИ УСУЛИ ОБРАНГНИГОРӢ ДАР ДАРСИ МУСАВВИРИИ ФАКУЛТЕТҲОИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ**

***Ғаниева Малика Абдуқодировна,*** *сармуаллими кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқии МДТ "ДДХ ба номи акад. Ғафуров"( Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**ОСОБЕННОСТИ АКВАРЕЛЬНОЙ ТЕХНИКИ НА ЗАНЯТИЯХ ЖИВОПИСИ НА ФАКУЛЬТЕТАХ ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОГО ИСКУССТВА**

***Ганиева Малика Абдукадыровна,*** *старший преподаватель кафедры изобразительного искусства и народных промыслов ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

**PECULIARITIES OF WATERCOLOR TECHNIQUE IN PAINTING CLASSES AT THE FACULTY OF FINE ARTS**

***Ghaniyeva Malika Abdukadirovna,*** *senior lecturer of graphic arts and national trade attached to the faculty of fine arts and technology under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *bonumalika78@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *санъати тасвирӣ, тарбияи зебоишиносӣ, фаъолияти омӯзишӣ, эҷодкорӣ обрангнигорӣ, роҳкорҳои ҳунарӣ ва тасвири*

*Дар мақола масъалаҳои хеле муҳимми вазъи имрӯзаи маърифати бадеӣ, мавқеи машғулиятҳои санъати тасвирӣ дар инкишофи тафаккури бадеиву ғоявӣ дар донишҷӯён, ташаккули сифатхои маънавию ахлоқӣ ва зебопарастиро мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд мешавад, ки дар барномаи таълимии мактабҳо ба чунин фанҳои санъат, хусусан, «Санъати тасвирӣ» ба таври зарурӣ аҳмият дода намешавад. Дар мақола на танҳо аҳамияти пешниҳоди таҷриба дар соҳаи фаъолияти тасвирӣ, балки тавассути ин фаъолият тарбия намудани шаҳрванди ҳамаҷониба маълумотнок ва ахлоқан ташаккулёфта сухан меравад. Усулҳои асосии расмкашӣ ва графикии, ки дар силсилаибарномаи таълимии мактаби олӣ омӯхта мешаванд (қалам, гуаш, обранг) баррасӣ мешавад. Ба масъалаи ташкили раванди таълим оид ба омӯхтани усули обрангнигорӣ дар дарси санъати тасвирӣ диққати калон дода мешавад. Мураккабии кор дар ин услуб, махсусан дар марҳилаҳои аввали омӯзиши он шарҳ дода мешавад. Муаллиф тахмин мекунад, ки дар омӯзиши обрангнигорӣ кадоме аз пайдарпайҳо самараноктар хоҳад буд: пеш аз ба даст овардани малакаи истифодаи қалам ва гуаш ё баръакс. Муаллиф дар рафти мушоҳидаи кори донишҷӯён бо маводи гуногуни графикӣ ва тасвирӣ ба чунин хулоса меояд, ки дар марҳалаҳои аввали таълими санъати тасвирӣ зуд аз як мавод ба маводи дигар гузаштан ба донишҷӯён душвор аст, хусусан дар услуби обранг. Дар асоси натиҷаи мушоҳидаҳо ва таҳлили онҳо муаллиф дар бораи ба донишҷӯён омӯзонидани услуби обрангнигорӣ тавсияҳо медиҳад.*

***Ключевые слова:*** *изобразительное искусство, эстетическое воспитание, учебная деятельность, творчество, акварельная живопись, художественно-образные решения*

*В статье рассматриваются актуальные вопросы современного состояния художественного образования, роль изобразительного искусства в развитии художественно-образного мышления студентов, формировании духовно-нравственных и эстетических качеств. Отмечается, что в образовательной программе школ предметам серии «Искусство», особенно «Изобразительное искусство», не уделяется должного внимания. В статье говорится о важности не только опыта в сфере изобразительной деятельности, но и воспитания посредством этой деятельности нравственно сформированного гражданина. Обсуждаются основные техники рисунка и графики, изучаемые в циклах программы высшей школы (карандаш, гуашь, акварель). Большое внимание уделяется вопросу организации учебного процесса обучения технике акварели на уроках изобразительного искусства. Объясняется сложность работы в стиле акварели, особенно на ранних этапах его изучения. Автор размышляет, какая последовательность будет более эффективной в обучении акварельной живописи: до приобретения навыков работы с карандашом и гуашью или наоборот. В процессе наблюдения за работой учащихся с различными графическими и изобразительными материалами автор приходит к выводу, что учащимся сложно быстро переключаться с одного материала на другой на ранних этапах художественного образования,*

*особенно в стиле акварели. На основе результатов наблюдений и их анализа автор дает рекомендации по обучению студентов акварельной живописи.*

***Key words:** fine arts, aesthetic education, educational activities, creativity, watercolor painting, artistic and imaginative solutions*

*The article dwells on topical issues concerned with the current state of art education, the role of fine arts in the development of artistic and figurative thinking of students, formation of spiritual, moral and aesthetic qualities. It is underscored that in the educational program of schools such subjects of the "Art" series, especially "Fine Arts", are not given due attention. The article talks about the importance of not only providing experience in the field of visual activity, but also educating, through this activity, an educated and morally formed citizen. The main techniques of drawing and graphics studied in the cycles of the higher school program (pencil, gouache, watercolor) are discussed. Much attention is paid to the organization of the educational process of teaching the technique of watercolor at the lessons of fine arts. Explains the complexity of working in watercolor style, especially in the early stages of its study. The author ponders which sequence will be more effective in teaching watercolor painting: before acquiring skills in working with pencil and gouache, or vice versa. In the process of observing the work of students with various graphic and visual materials, the author comes to the conclusion that it is difficult for students to quickly switch from one material to another in the early stages of art education, especially in the watercolor style. Based on the results of observations and their analysis, the author gives recommendations for teaching watercolor painting to students.*

Вазифаи умумиҷаҳонии маориф, махсусан дар шароити муосир, тарбияи шаҳрванди ҳамаҷониба ташаккулёфта ва зебоишиносу санъатдӯст мебошад. Хоса маорифи миллӣ ки ба эҳё, ҳифз ва афзун намудани арзишҳои фарҳангии кишвар, маънавиёт ва ахлоқи баланди шаҳрвандони кишвар қодир мебошад, ин маъулиятро беш аз пеш ба дӯш доранд. Дар ин ҷо мавқеи асосӣ ба дарсҳои таърих, адабиёт, мусиқӣ, техника, маданияти бадеии ҷаҳон, санъати тасвирӣ дода мешавад.Фанни «Санъати тасвирӣ» дар факултетҳои санъати тасвирӣ имрӯз қариб ягона фанест, ки ба он муносибати дуруст ба роҳ монда шудааст.

З.З. Мирзобоев дар мақолаи худ мавқеи санъати тасвириро чунин баён менамояд: ”Санъати тасвирӣ дар ҳама давру замон инъикоскунандаи фарҳанг ва маданияти мардум ба ҳисоб рафта, дар ҷамъият ва тарбияи эстетикии халқ нақши муҳимеро мебозад [9,с.184].

Бисёриҳо дар бораи зарурати тарбияи эстетикӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, ватандӯстии донишҷӯён баҳс мекунанд, аз тарафи дигар, дар мактаби олӣ мавзӯъҳои силсилаи зебоишиносӣ барои донишҷӯён аз ҷиҳати анъанавӣ муҳим ва зарур ҳисобида намешаванд. Зимнан, аллакай дар курсҳои поён донишҷӯён дарки мафҳуми умумӣ пешбинӣ мегардад ва аз ин рӯ, тафаккури тахайюлиро, ки хоси санъат аст, инкишоф додан лозим аст. Дар ин бобат дарсҳои санъати тасвирӣ дар мактабҳои олӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Санъат муҳитест, ки ба шуури донишҷӯ, тарбия ва ташаккули ӯ таъсир мерасонад[1,с.98-200].

Дар барномаҳои таълими мактабҳои олӣ оид ба санъати тасвирӣ ба донишҷӯён доираи васеи супоришҳо пешниҳод карда мешавад, ки барои иҷрои онҳо техника ва маводи гуногун (қаламҳои графитӣ, гуаш, обранг, пастелҳо, рангҳои равғанӣ, конструксиясозӣ аз коғаз ва ғайра) истифода мешаванд. Албатта, бо назардошти кам будани соатҳое, ки барои азхуд кардани фанни санъати тасвирӣ дар мактабҳои олӣ ҷудо карда мешаванд, интизор шудан мумкин нест, ки хатмкунандагон ҳамчун рассом-график, рассом-мусаввир, ҳайкалтарош ва дизайнерон бомуваффакият донишгоҳро хатм мекунанд. Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки ба донишҷӯён дар бораи усулҳои мухталифе, ки дар соҳаи фаъолияти тасвиркунӣ мавҷуданд, барои ҷустуҷӯ, ошкор ва инкишоф додани қобилиятҳои онҳо маълумот диҳад, инчунин, агар имкон бошад, усулҳои омӯхташударо. дар фаъолияти бадеию эҷодии худ амалан татбиқ кунанд [6,с.50]. Дар ин ҳолат, эҳтимолияти он, ки донишҷӯ ба санъати тасвирӣ шавқи бештар пайдо карда, шахси эҷодкор мегардад.

Шояд дар оянда, рассом нагардад ҳам, ҳамроҳи фарзандонаш ба толорҳои рассомӣ, намоишгоҳҳо ва дигар иншооти фарҳангӣ рафта, худро аз ҷиҳати маънавӣ ғанӣ гардонанд, инкишоф диҳад ва дар фарзандонаш майли зебопарастиро бедор кунад, на ин ки вақти холиро. беандеша, муқаррарӣ, бе таассуроти тоза, дар ҳузуру ҳаловати шубҳанок гузаронад.

Мо ба ин аҳамияти калон медиҳем, зеро вазифаи ҳар як омӯзгор, албатта, на танҳо аз он иборат аст, ки ба донишҷӯён санъати тасвириро шавқовар омӯзонад, балки шогирдро ҳамчун

гражданин-офарандаи шодӣ, ҳаматарафа инкишофёфта, дар оянда ба ҷамъият фоиданок, фикркунанда, дар тӯли умри худ, аз ҷиҳати маънавӣ инкишофёбанда тарбия намояд.

Шиносоӣ бо санъат, арзишҳои фарҳангии санъати ватанӣ ва ҷаҳонӣ, барои аз бетафовутӣ ва ноумедӣ, муносибати худбинона, ба муштарӣ ба зӯрӣ боркардани молҳои нолозимаро ҳифз намудан мусоидат мекунад. Барои ба даст овардани ин ҳадафҳо, бешубҳа, дар донишгоҳ таълим додани чунин фан, аз қабили санъати тасвирӣ мусоидат мекунад. «Имрӯз, ки муҳимтарин ҳадафи таълиму тарбия ба заминаи фарҳанг баргардонидани инсон аст, масъалаи тарбияи бадеиву эстетикӣ вазифаи афзалиятнок мебошад» [3,с.9].

Барои донишҷӯёне, ки қобилияти эҷодии худро нишон додан мехоҳанд ва хоҳиши дар соҳаи санъати тасвирӣ инкишоф ёфтанро доранд, таълими иловагӣ пешбинӣ гардад, зеро барои пурра фаҳмидан ва аз худ кардани усулҳои асосии кор ягон техникаи махсус дар як ё ду дарс кифоя нест, хусусан вақте ки сухан дар бораи мусаввирии обранг меравад, ки иҷрои он яке аз душвортарин кори мусаввирӣ аст.

Аз сабаби он, ки азхуд кардани ин техника вақти бештарро талаб мекунад, баррасии ду варианти таълими он зарур аст:

1. Омӯхтани асосҳои обрангнигорӣ пеш аз он, ки асосҳои азхудкунии усулҳои оддитарини расмкашӣ ба даст оварда шудаанд.

2. Омӯхтани ин техника, пас аз он ки асосҳои усулҳои соддатар дар раванди фаъолияти тасвиркунӣ (гуаш, мводи графикӣ) азхуд карда мешаванд.

Дар ҳолати аввал, ислоҳи хатоиҳои ногузир ҳангоми кор бо қаламҳо, гуаш назар ба кор бо обранг эҳсосоти манфии камтарро ба вуҷуд меорад, зеро ҳангоми кор дар ду усули аввал барои бартараф кардани онҳо кӯшиши камтар лозим мешавад.

Дар мавриди кор бо маводи графикӣ ё мусаввирӣ аз донишҷӯ талаб карда мешавад, ки сатҳи варақро ягон ҷои сафед нагузошта пӯшонад, дар ҳоле ки ҳангоми кор бо обранг коғаз номуҳим набуда, чун яке аз ҷузъҳои ин техника хизмат мекунад. Ғайр аз ин, қалам ё гуаш аз нигоҳи донишҷӯ хеле маълум ва мушаххасу мафҳум тасвир мекунад, дар он ҳоле, ки обранг вобаста ба хусусияти он, пайваста аз ранг ба ранг гузашта, натиҷаҳои пешбининашаванда медиҳад. Аз ин ҷост, ки аксарияти донишҷӯён дар кори худ аз интихоби обранг худдорӣ мекунанд.

Усулҳои мусаввириро, ки донишҷӯён асосан гуаш ва акварелро истифода мебаранд, муқоиса намуда, гуфтан мумкин аст, ки гуаш ҳамчун мавод камтар серталаб буда, нисбат ба тасвири обранг ислоҳи хатоиҳоро дар раванди мусаввирӣ осон мекунад. Ин як ҷиҳати мусбат аст, зеро дар марҳилаҳои аввали омӯзиши саводи тасвирӣ, дар донишҷӯ барои шавқ ва ҳавасманд кардан ба омӯзиши минбаъда дар фаъолияти тасвирӣ офаридани ҳисси муваффақият муҳим аст. Аз тарафи дигар, сарфи назар аз ҳама мушкилоте, ки ҳангоми омӯзиши техникаи обранг дар дарси санъати тасвирӣ ба миён меоянд, онро бо машқҳои соддатар оғоз кардан: масалан, донишҷӯёнро бо истифода аз се ранги асосӣ (зард, сурх ва кабуд) тавсия карда, варақро бо доғҳои ранга, аввал бо услуби "хушк" ва баъд "намнок" фаро гирифтан мумкин аст. Ин машғулият ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки принсипҳои асосии кор бо акварелро фаҳманд, инчунин асосҳои рангшиносӣ ва қоидаҳои омехта кардани рангҳоро омӯзанд.

Муҳаққиқ А.Б. Исоев дар китоби дарсиаш масъалаи коркарди рангро шарҳ дода чунин овардааст: "Ҳангоми бо услуби муайян кор кардан бояд мақсади ниҳоии вазифаи гузошташударо доимо дар мадди назар дошта, натиҷаи пешбинишударо тасаввур кардан зарур аст. Яъне барои ноил гардтдан ба тобиши ранги зарурӣ қабатҳои аввалини рангро чунон интихоб намудан лозим аст, ки қабатҳои навбатии рангҳои иловашаванда ҷӯршавии ранги даркориро ба даст орад [9, с.79].

Дар натиҷа, обранг, махсусан дар услуби намнок кор кардан, инро возеҳтар нишон медиҳад, зеро худи ранг дар рӯи коғаз омехта мешавад. Дар ин маврид барои ташаккули ҳисси тахайюли бадеии донишҷӯён муҳим аст, ки дар раванди азхудкунии услуби кор бо обранг, маҳорати ҷамъбасткунӣ, робитаи ҷузъиёт ва умумӣ ташаккул меёбад. Ғайр аз ин, "фаъолияти тасвиркунии донишҷӯ ба ӯ имконият медиҳад, ки донишҳои гирифтаашро дар амал мустақилона истифода барад, дар фаъолияти бадеӣ фаъолона машқ кунад, малакаи кори инфиродӣ ва якҷояро азхуд кунад ва аз натиҷаҳои он қаноатманд гардад" [5,с.69].

Натиҷаи раванди таълим (дониш, малака, таҷрибаи амалии эҷодкорӣ) ба тағйир ва такмил додани муҳити иҷтимоии донишҷӯ нигаронида шудааст, зеро ташаккули шахсияти эҷодкор танҳо дар раванди фаъолияти эҷодӣ имконпазир аст.

Дар марҳилаҳои аввал, аз донишҷӯён аз рӯи техникаи классикии акварелӣ, яъне бе истифодаи ранги сафед кор карданро талаб кардан лозим нест, балки ба онҳо гуфтан зарур аст, ки истифодаи онҳо матлубнест ва дар оянда аз истифодаи ранги сафед дар обрангнигорӣ канорагирӣ кардан лозим аст.

Ғайр аз ин, ҳангоми омӯзиши асосҳои обрангнигорӣ онро бо дигар мавод (қалам, ручкаҳои гелӣ, истифода бурдани услубҳои дигар) вобаста кардан мумкин аст. Ин биниши эҷодии донишҷӯро васеъ мекунад, ба онҳо барои таҷриба кардан бо маводи гуногун имкониятҳои васеъ фароҳам меорад ва инчунин барои бартараф кардани хавфи донишҷӯён аз пешгӯинашавандагии обранг кӯмак мекунад. "Аммо обрангнигориро омӯхтан хеле душвор буда, он сирру асрори маҳоратро зуд ошкор намекунад. Усули омехта аксар вақт барои ҳалли мушкилоте, ки ҳангоми кор бо обранг ба миён меоянд, кӯмак мекунад" [7, с. 145]. Дар баробари ин муаллим бояд фаҳмонад, ки ин «пешгӯйинашавандагӣ» ба назар намоён буда, хусусияти таркибӣ ва характерноки техникаи обрангӣ мебошад, ки маҳз ба хотири таъсири рангҳои ба ҳамдигар шоридашудагӣ, обранг истифода мешавад.

Таҷрибаи мо ҳамчун омӯзгори санъати тасвирӣ барои донишҷӯёни, ки нав ба фаъолияти тасвиркунӣ машғул мешаванд, аз тарҳи расм берун баромада ба хатоӣ роҳ додан метарсанд, аз ин рӯ аксар вақт дар коғаз атрофи ин тарҳҳоро қитъаҳои сафеди бо ранг пурнашуда мегузоранд. Агар донишҷӯ бо гуаш ё қалам кор кунад, пас кори иҷрошуда нишон медиҳад, ки бо тарҳ кор кардан осонтар аст. Бо қалам барои донишҷӯ фосилаҳои атрофи тарҳро тоза кардан осонтар аст. Дар баробари ин, дар вақти бо обранг кор кардан проблемаи қисмҳои бо ранг пурнашудаи сатҳи коғаз бештар ҷиддӣ мегардад. Ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар услуби обрангнигорӣ нисбат ба дигар мавод тезтар кор кардан лозим меояд, вагарна ранг хушк мешавад ва таъсири як ранг ба ранги дигар шоридан аз байн меравад. Дар баробари ин аз сабаби надоштани таҷриба дар обрангнигорӣ покизакорӣ кардан ба донишҷӯ душвор мегардад.

Мушкилоти навбатие, ки донишҷӯён ҳангоми кор бо акварел дучор мешаванд, кӯшиши бо обранг мисли гуаш кор кардан аст. Дар ин ҳолат донишҷӯ кӯшиш мекунад, ки рангро гирифта, ба рӯи коғаз мисли тарзи кор бо гуаш ғафсу хамиравӣ гузорад ва бо ин ҳама эффектҳоеро, ки ба обрангнигорӣ хос аст, аз байн мебарад.

Дар баробари ин, баъди ба охир расондани иҷрои кор бо услуби обрангнигорӣ, ҳангоми гузаштан ба тасвир бо гуаш, махсусан бо назардошти он, ки талаба қоидаҳои асосии обрангнигориро азхуд кардааст, ӯ махсусан саъю кӯшиш мекунад, ки бо гуаш мисли обранг кор кунад, яъне дар мӯйқалам каме ранг ва бештар об гирад.

Пас аз он ки донишҷӯ усулҳои асосии кор бо обрангро аз худ намуда, тамоми фарқиятҳои онро аз дигар усулҳои тасвиркунӣ медонад, вай бо майли бештар кор бо обранг шурӯъ мекунад ва дар сурати имкони интихоб кардани усулҳои гуногун онро ба манфиати обранг месозад. Амалия нишон медиҳад, ки омӯзиши обрангнигорӣ «ба madди аввал меистад, зеро бо ёрии акварел тамоми спектри омӯзиши ҷиҳатҳои таърихию фарҳангии санъатро ҳал кардан мумкин аст...» [4, с. 261]. Дар раванди азхуд намудани техникаи обрангнигорӣ донишҷӯ имкони пайдо мекунад, ки дониш ва малакаи пештаргирифтаашро мустақилона истифода барад, онҳоро ба ҳам пайваста, аз як намуди фаъолият ба намуди дигар гузаронад. Ҳар як марҳила фаъолсозии усулҳои гуногуни иртибот бо санъати тасвириро дар бар мегирад, ки ба амалӣ намудани ҳадафҳои тарбияи зебоишиносӣ ва тарбияи бадеӣ нигаронида шудааст. Усули пешбаранда дар ин ҳол эҷодкорӣ мебошад. Зеро, «маълум аст, ки сатҳи маориф, маданият ва санъат нишондиҳанда, як навъ санҷиши лакмусии саломатии миллат аст» [3, с. 59].

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи мушоҳида ва таҳлили корҳои анҷомдодаи донишҷӯён ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Таъсири бештар дар азхуд намудани техникаи обрангнигорӣ аз тарафи донишҷӯён ҳангоми таълими он пеш аз азхуд намудани усулҳои тасвиркунӣ бо дигар маводҳо ба даст меояд.

2. Барои он ки донишҷӯ дар бораи усулҳои кор бо обранг ва малакаҳои асосии кор дар он фаҳмиши ибтидоӣ дошта бошад, тавсия дода мешавад, ки якчанд дарсро пайваста бо ин усул паиҳам гузаронида шавад.

3. Барои он ки донишҷӯ фарқи байни кор дар обрангнигорӣ бо техникаи тасвири гуашро пурра ҳис кунад, оид ба азхуд кардани техникаи кор бо гуаш якчанд машғулият гузарондан лозим аст.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Буровкина, Л.А. Региональный компонент художественного образования учащихся в развитии концепции государственной национальной политики / Л.А. Буровкина // Сб. науч. труд. междун. науч.-практич. конф. - М.: Компания Спутник, 2008. - С. 198-200.
2. Буровкина, Л.А. О подходах к решению вопросов методики обучения изобразительному и декоративно-прикладному искусству / Л.А. Буровкина // Современные тенденции изобразительного, декоративно-прикладного искусства и дизайна: сб. статей / отв. Ред. М.С. Соколова, М.В. Соколов. - Новосибирск: Изд-во НГПУ, 2017. - №. 1. - С. 66-71.
3. Буровкина, Л.А. К вопросу о приобщении обучающихся к народной художественной культуре в учреждениях дополнительного образования / Л.А. Буровкина // Вестник МГОУ Серия Педагогика - М: Изд-во МГОУ, 2016. - №3. - С. 8-15.
4. Дубровин, В.М. Культура и образование в современном мире / В.М. Дубровин // Современные тенденции развития изобразительного, декоративно-прикладного искусств и дизайна: сб. статей. - Новосибирск: Изд-во НГПУ. 2015. - С. 56-61.
5. Исоев А.Б. Мусаввирӣ ( китоби дарсӣ)/ А.Б.Исоев, Ҳ.А.Ҷалилова, А.С. Масолиев.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. – 196 с., (бо тасвирҳо).
6. Ломов,С.П.Методология художественной деятельности/Инновационные проекты и программы в образовании.-М.:Инновации и эксперимент в образовании.-2013.- №2.-С.49-52.
7. Ломов, С.П. Изобразительное искусство как фактор формирования научного мировоззрения школьников / Теория и практика общественного развития. -Краснодар: Издательский дом «ХОРС». - 2015. - №17. - С. 179-184.
8. Ломов, С.П. Методология художественного образования: Учебное пособие. / Ломов С.П., Аманжолов С.А. - М.: Прометей, 2011. - 188 с.
9. Мирзабоев, З.З.Истифодаи усулҳои пешқадам дар тасвири нимпайкараҳои гаҷии даврони атиқа дар раванди таълим / З.З.Мирзабоев, Н.Б. Алимбоева// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2021. - №2 (64).- С.184.
10. Семёнова, М.А. Роль искусства акварельной живописи в образовании педагога-художника / М.А. Семёнова // Современные тенденции развития культуры, искусства и образования: коллективная монография. - М.: Перо, 2017. - С. 261-266.


**REFERENCES:**


1. Bukowkana L.A. Regional component of art education students in the development of the concept of state national policy / L.A. Buking // Sat. Scientific work. Intern. Scientific practice. conf. - M.: Company Satellite, 2008. - P. 198-200.
2. Buking L.A. On approaches to solving issues of the training methodology for visual and decorative and applied arts / L.A. Bukuchna // Modern trends of art, decorative and applied art and design: Sat. Articles / under the editorship of M.S. Sokolova, M.V. Sokolov. - Novosibirsk: Publishing House of NSPU, 2017. - No. 1. - P. 66-71.
3. Bukovna L.A. On the question of the introduction of students to folk artistic culture in institutions of additional education / L.A. Bukuchna // Bulletin MGOU Pedagogy series - M: Publishing house MSU, 2016. - №3. - P. 8-15.
4. Dubrovin V.M. Culture and education in the modern world / V.M. Dubrovin // Modern trends in the development of fine, decorative and applied arts and design: Sat. Articles. - Novosibirsk: Publishing house NSPU, 2015. - P. 56-61.
5. Isoev AB, Jalilova HA, Masoliev AS Musavviri (textbook) - Khujand: Nuri Marifat, 2021. - 196 p., (With pictures).
6. Lomov S.P. Methodology of artistic activities / innovative projects and programs in education. - M.: Innovation and Experiment in Education. - 2013. - №2. - P. 49-52.
7. Lomov S.P. Fine art as a factor in the formation of scientific worldview of schoolchildren / theory and practice of social development. -Srasnodar: Publishing House "Horse".-2015.-№17.- P.179-184.
8. Lomov S.P. Methodology of art education: Tutorial. / Lomov S.P., Amanzholov S.A. - M.: Prometheus, 2011. - 188 p.
9. Mirzaboev Z.Z, Alimboeva N.B. The use of advanced methods in the depiction of gypsum busts of antiquity in the educational process / Mirzaboev ZZ, Alimbaeva NB // University letter. Series of Humanities and Sociology. - 2021. - №2 (64). - P. 184.
10. Semenova M.A. The role of the art of watercolor painting in the education of a teacher-artist / M.A. Semyonova // Modern trends in the development of culture, art and education: a collective monograph. - M.: Pero, 2017. - P. 261266.